«Тасдиқ мекунам»
ректори Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои
таърих, профессор Ибодуллозода А.И.
________________________
«__5__» ____10____ соли 2022

# ХУЛОСАИ
## Шурои олимони факултети забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Диссертатсияи Хушматов Намоз Раҳмонович дар мавзуи «Таҳлили маъноиву сохтории консепти "одоб" дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ ба анҷом расидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Хушматов Намоз Раҳмонович соли 2011 факултети забонҳои романӣ-германиро аз рӯйи ихтисоси «омӯзгори забонҳои фаронсавӣ ва англисӣ» хатм кардааст.

Аз соли 2015 то соли 2020 ассистенти кафедраи услубшиносӣ ва назарияи тарҷума, аз соли 2020 то соли 2022 муаллими калони кафедраи мазкури Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаъолият намуда ва аз соли 2022 то инҷониб ба сифати сармутахассис дар шуъбаи робитаҳои байналмиллалии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ фаъолият мебарад.

Хушматов Н.Р. ба ҳайси унвонҷӯ соли 2017 ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қабул шуда, мавзуи номзадиаш дар Шурои олимони донишгоҳ аз 27.01.2017 №6/8.1. тасдиқ гардидаст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ 14 октябри соли 2022 аз ҷониби шуъбаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – Каримов Шуҳрат Бозорович, доктори илмҳои филологӣ, декани факултети забони англисӣ ва забонҳои Шарқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ .

Аз рӯйи натиҷаҳои муҳокима дар ҷаласаи васеи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ чунин хулоса карда шуд:

Диссертатсияи Хушматов Намоз Раҳмонович дар кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ аз 22.06.2022, № 14 мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дода шуда, ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Ҷаласаи васеи Шурои олимони факултети забони англисӣ ва забонҳои Шарқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ диссертатсияи мазкурро бо иштироки муқарризони холис – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Саидзода Ҳ.А. ва мудири кафедраи забони англисӣ ҳамчун ихтисоси дуюми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, номзади илмҳои филологӣ Ҷураев Х. баррасӣ ва муҳокима намуд.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Диссертатсияи Хушматов Намоз Раҳмонович нахустин таҳқиқоти муфассал доир ба ошкорсозии ҷанбаҳои илмӣ ва иҷтимоию фарҳангии консепти “одоб” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба шумор меравад. Ҳамаи паҳлуҳои мавзуи таҳқиқ дар заминаи маводи фаровони забонӣ аз ҷониби диссертант мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

**Мубрамияти мавзуъ.** Рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ, робитаҳои гуногун ва нави иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсиву фарҳангии ҷаҳони муосир меъёру низом ва тарзу усулҳои наву нотакрори муошırату методҳои гуногуни равобити иҷтимоиро ба бор овардааст. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи робитаи ногусастании забону фарҳанг ва ҳамчунин, забону фарҳанги як халқият бо халқияти дигар зарурат ва арзиши наву тоза касб менамояд. Мубрамияти таҳқиқоти мазкур аз омилҳои зерин бармеояд:

- боло рафтани нақши муошırати байнифарҳангӣ бо назардошти ҳамкориҳои байналхалқӣ;
- ивазшавии нақши муошират ва дарки он ҳамчун раванди самараноки ҳамкориҳо дар шароити бархурди тамаддунҳо;
- ташаккули талабот ба сифати равобити байнифарҳангӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ;
- рушди масъалаҳои муошırати байнифарҳангӣ ва таъсири мутақобилаи онҳо зимни ниёз ба донистани хусусиятҳои этникии одоб ва рафтори муаддабона аз тарафи намояндагони фарҳангҳои бегона.

Ҳамаи ин, бешубҳа, аз як ҷониб донистани фарҳанги гуфтор, аз ҷониби дигар, риояи меъёрҳои муайяни рафтор, одоб, урфу одат, яъне хусусиятҳои рафтори иртиботии намояндагони фарҳанги забонии бегонаро тақозо менамояд. Дар даврони муосир таваҷҷуҳи баланди забоншиносон ба масъалаҳои муошırати байнифарҳангӣ ва таъсири мутақобилаи намояндагони ҷомеаҳои гуногуни забониву фарҳангӣ мушоҳида мегардад ва ин таҳқиқоти амиқи шаклҳои гуногуни рафтор, аз ҷумла, категорияи *одоб*ро, ки барои муошират муҳим арзёбӣ мегарданд, талаб мекунад. Аз ин ҷиҳат, омӯзишу пажӯҳиши консепти одоб, ки як рукни асосии фарҳанги мардумони гуногуни дунё маҳсуб меёбад, аз нигоҳи забоншиносии шинохтӣ (когнитивӣ) ва муқоисаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мубрамияти корро ташкил медиҳад.

Дар диссертатсия *одоб* на ҳамчун категорияи фарҳангӣ баррасӣ мегардад, балки ҷанбаҳои забоншиносии консепти *одоб* аз мавқеи забоншиносии шинохтӣ (когнитивӣ) таҳқиқ мешаванд. Илова бар ин, дар

рисола таҳлили муқоисавии консепти *одоб* дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ анҷом дода шудааст. Ҳамчун консепт категорияи "одоб" дар забоншиносии тоҷик то имрӯз мавриди таҳқиқи ҷудогона қарор нагирифтааст. Дар ин росто, тасмим гирифтем, ки бо дарназардошти таъсири омилҳои фарҳангиву таърихии забонҳои тоҷикиву англисӣ раванди ташаккул ва ифодашавии консепти «одоб/ politeness»-ро таҳлилу баррасӣ намоем.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқро** осори илмӣ-таҳқиқотии забоншиносони ватаниву хориҷӣ, аз ҷумла П.Ҷамшедов, М.Т. Ҷабборова, Нағзибекова М.Б., С. Ҷаматов, Д. Искандарова, Х. Шанбезода, А. Маҳмадназаров, З.Мухторов, Ф. М. Турсунов, Ш. Бобомуродов, С. Қ. Матробиён ва дигарон ташкил медиҳанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот**. Дар диссертатсия бори аввал хусусиятҳои милливу фарҳангии консепти *одоб* дар забони тоҷикӣ зимни муқоиса бо ҷузъҳои забониву ғайризабонии муошират дар забони англисӣ мушаххас гардида, вижагиҳои асосии фаҳмиши консепти таҳлилшаванда аз ҷониби намояндагони фарҳангҳои гуногунзабон мавриди назар қарор гирифтааст.

**Мақсади** таҳқиқоти мазкур муайян намудани вижагиву мушахассоти маъноиву сохтории консепти «одоб/ politeness» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошад, ки дар ин замина умумият ва фарқияти консептҳои мазкур дар забонҳои мавриди таҳқиқ аз назари муқоисавӣ ва шинохтӣ (когнитивӣ) нишон дода мешавад.

Тибқи ҳадафи гузошташуда ва таъйиди он дар диссертатсия **вазифаҳои** зерин баррасӣ мешаванд:

- ошкор намудани хусусиятҳои луғавӣ ва маъноии консепти «одоб/ politeness» дар забонҳои муқоисашаванда;
- муайян намудани ҷузъҳои умумии консепти «одоб/ politeness», ки мансуб ба фарҳанги забонҳои баррасишаванда мебошанд;
- омӯхтан ва муқоиса кардани майдони маъноии консепти «одоб/ politeness» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ.
- таҳлили вижагиҳои ифодаи консепти «одоб/ politeness» тавассути формулаҳои одоби гуфтугӯ;
- асоснок кардани хусусиятҳои этнофарҳангӣ ва сабабҳои ташаккули унсурҳои номувофиқ дар мазмуни консепти «одоб/ politeness»;
- муайян намудани хусусиятҳои муассирии консепти "одоб/ politeness» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;
- таҳлили муқоисавии унсурҳои писандидаи консепти «одоб/ politeness» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;
- таҳлил ва баррасии шаклҳои "пазироӣ" дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;
- таҳлил ва баррасии шаклҳои "хайрухуш" дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;
- таҳлил ва баррасии шаклҳои "муроҷиат" дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот.** Омӯзиши консепти «одоб» аз тарафи намояндагони умумиятҳои забониву фарҳангии тоҷик ва англис дорои аҳаммияти калони назариявӣ аст. Таҳқиқи вижагиҳои забониву фарҳангшиносии мазмуни мафҳуми «одоб/politeness» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба омӯзиши хусусиятҳои этникии раванди иртиботӣ, ки онҳоро осори фарҳангиву таърихии миллат, аз ҷумла меъёру қоидаҳои муошират дар ҳолатҳои рафтори муаддабона тақозо менамоянд ва таҳти таъсири анъанаҳои фарҳангӣ ташаккул мейбанд, саҳми арзандаи худро мегузорад. Рисолаи диссертатсионӣ дар ғанигардонии маълумоти фарҳангшиносии забонӣ ва муошırати байнифарҳангӣ дар соҳаи омӯзиши муқоисавӣ ва муаррифи забонии консепти *одоб* мусоидат мекунад.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи «Таҳлили маъноиву сохтории консепти “одоб” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» бо ихтисоси илмии 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мувофиқат мекунад.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия**. Доир ба мавзуи диссертатсия 9 мақолаи илмӣ нашр шуданд, ки 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст.

**[1-М] Хушматов Н.** Мавқеи усули когнитивӣ дар таҳқиқи таъсири мутақобилаи забон ва фарҳанг / (Паёми ДДОТ ба номи С. Айнӣ: №6 (83), 2019).

**[2-М] Хушматов Н.Р.** Таъсири шуури дастаҷамъонаи забонӣ ба ташаккулёбии консептҳои махсуси миллӣ дар тасвири забонии ҷаҳон / (Паёми ДДОТ ба номи С. Айнӣ: №6 (95), 2021).

**[3-М] Каримов Ш.Б., Хушматов Н.Р**. Шаклҳои “пазироӣ” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / (Паёми донишгоҳи миллии тоҷикистон бахши илмҳои филологӣ (ISSN 2413-516X ) 2022. №6)

**[4-М] Хушматов Н.Р.** Роҳҳои баёни “хайрухуш” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / (Паёми ДДОТ ба номи С. Айнӣ: №5 (100), 2022).

Диссретатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Ҷаласа пас аз баррасии масъалаи мазкур ва фикру андешаҳои баёнгардида

## ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи унвонҷӯ Хушматов Намоз Раҳмонович дар мавзуи «Таҳлили маъноиву сохтории консепти “одоб” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» таҳқиқоти илмии бaанҷомрасида буда ба талаботи корҳои диссертатсионии аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Хушматов Намоз Раҳмонович дар мавзуи «Таҳлили маъноиву сохтории консепти “одоб” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва

муқоисавӣ барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ пешниҳод карда шавад.

Қарори мазкур дар ҷаласаи Шурои олимони факултети забони англисӣ ва забонҳои Шарқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар таърихи 29-уми сентябри соли 2022 суратҷаласаи №2 қабул карда шуд.

**Дар ҷаласа иштирок доштанд** 15 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ. **Натиҷаи овоздиҳӣ**: "тарафдор" – 15 нафар, "муқобил" – нест, "бетараф" - нест.

Раисикунанда доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии ДДОТ ба номи С.Айнӣ — Ҷаматов Самиддин Салоҳиддинович

**Муқарризи холис**:
доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Саидзода Ҳалим Азиз

**Муқарризи холис**:
мудири кафедраи забони англисӣ ҳамчун ихтисоси дуюми ДДОТ ба номи С.Айнӣ — Ҷӯраев Хайём Акрамович

**Котиби Шурои олимони факултет**:
муаллими калони кафедраи методикаи таълими забони англисии ДДОТ ба номи С.Айнӣ — Ғуломов Наимҷон Хайрилоевич

Имзои Ҳ.А. Саидзодаро, тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Тавқиев Эмомалӣ Шодихонович

Имзоҳои С.С. Ҷаматов, Х.А. Ҷӯраев ва Н.Х. Ғуломовро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С.Айнӣ Айнӣ — Мустафозода Абдукарим

Нишонӣ: Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
734003, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Тел.: +992 224 13-83
Сомонаи расмӣ: www.tgpu.tj
e-mail: info@tgpu.tj

03.10.2022